**Суратҷаласаи №6**

**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-061 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

аз 17 июли соли 2026 ш. Бохтар

**Иштирок доштанд:** аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 13 нафар (аз ҷумла 1 нафар маҷозӣ, Қурбонзода Амиршо Соҳибназарович), мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсия 6 нафар.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-061 17-уми июли соли 2026, дар толори шуроҳои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67) баргузор гардид.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои таърих, Бобоев Х.Ю.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои физика ва математика, Холов М.Ш.

**Раиси ҷаласа:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии 6D.КОА-061, ки тибқи Фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №466/шд аз 01.12.2025 тасдиқ гардидааст, 1 нафар (Шодиён М.С.) вафот кардаанд, 13 нафар иштирок доранд (аз ҷумла 1 нафар маҷозӣ, Қурбонзода Амиршо Соҳибназарович), ки аз онҳо 6 нафарашон докторони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Кворум ҳаст. Ҳамин тавр мувофиқи Низомнома дар бораи ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, шурои диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад ҷаласаро оғоз кунад оиди оғози кори шуро чи гуна пешниҳод ҳаст? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Ҳимояи ошкорои рисолаи илмии **Махсумзода Нигина Давлат** дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.7 – Таърих илм (таърих).

Диссертатсия дар кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ: Комилӣ Абдулҳай Шарифзода,** доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи методикаи таълими физикаи ДДБ ба номи Носири Хусрав.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Қурбонов Баҳром Раҳмонович**, доктори илмҳои таърих, профессор, муовини ректор оид ба таълими Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа.
2. **Раҳимзода Қурбоналӣ Назар,** номзади илмҳои таърих, омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии Данғара.

**Муассисаи тақриздиҳанда -** Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ».

## БАРОМАД НАМУДАНД:

1. **Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои таърих, Бобоев Х.Ю. кори шурои диссертатсиониро оғоз намуд.
2. **Котиби илмии шуро:** номзади илмҳои физикаю математика, Холов М.Ш. маълумотҳои мухтасарро дар бораи унвонҷӯй қироат намуд.
3. **Унвонҷӯй:** Махсумзода Нигина Давлат мазмуни мухтасари диссертатсияро баён кард.

Унвонҷӯй Махсумзода Нигина Давлат ба саволҳои аъзоёни шуро Сатторов А.Э., Қурбонзода Х., Рукниддинов Қ., Давлятова Д., ки вобаста ба мавзуи диссертатсия буданд, ҷавоб дод.

**Баромади роҳбари илмии унвонҷӯй: Комилӣ Абдулҳай Шарифзода -** доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи методикаи таълими физикаи ДДБ ба номи Носири Хусрав.

Тақризи муассисаи пешбар МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ба диссертатсияи **Махсумзода Нигина Давлат** дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.7 – Таърих илм (таърих) бо имзои **раиси ҷаласа,** номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Шарипов А.П., **ташхисгарон,** номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Холмуродзода М.Б., номзади илмҳои таърих, саромӯзгори кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Қурбонов Д.М. ва **котиби ҷаласа,** номзади илмҳои физикаю математика, саромӯзгори кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Шарифов С.Р. омода гардида бо имзои ректори донишгоҳ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сафарзода М.В. аз 12-уми июни соли 2026 тасдиқ шудааст.

Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст.

Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии **Махсумзода Нигина Давлат** дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.7 – Таърих илм (таърих) ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 6.1.7 – Таърих илм (таърих) сазовор мебошад.

**Баромад ва тақризи муқарризони расмӣ:**

1. **Қурбонов Баҳром Раҳмонович** - аъзои шуро, профессор, доктори илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 6.1.7 – Таърих илм (таърих).
2. **Раҳимзода Қурбоналӣ Назар** - номзади илмҳои таърих, омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии Данғара аз рӯйи ихтисоси 6.1.7 – Таърих илм (таърих).

**Баромад ва тақриз ба автореферат:**

Ба шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-061 аз номи шахсони зерин 4 тақризи ғайрирасмӣ ба автореферати **Махсумзода Н.Д.** ворид шудаанд, ки дар онҳо дар хусуси мувофиқ будани диссертатсия ва автореферат ба талаботи муқарраркардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзанда будани муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 6.1.7 – Таърих илм (таърих) хулосаҳо вуҷуд доранд.

1. **Қурбонхолов Турабек Тошевич** – муаллими калони кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

2. **Исмоилов Ёдгор Ҳофизович** – мудири кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, номзади илмҳои таърих, дотсент. Тақриз мусбат аст.

3. **Ғаффоров Бахтиёр Ваҳобович** – сардори Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсент. Тақриз мусбат аст.

4. **Исмоилов Лутфулло Эшонович**, дотсенти кафедраи забони арабӣ, исломшиносӣ ва таҳқиқоти африқо-осиёии Донишкадаи муносибатҳои байналмилалӣ, таърих ва шарқшиносии Донишгоҳи федералии Қазон (Приволжский), номзади илмҳои таърих, дотсент. Тақриз мусбат аст.

Ҳамаи муқарризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати **Махсумзода Н.Д.** пешниҳод кардаанд, қайд намудаанд, ки ин таҳқиқот мубрам буда, дорои арзиши амалӣ мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳо ба хулосае омадаанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ **Махсумзода Нигина Давлат** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 6.1.7 – Таърих илм (таърих) сазовар мебошад.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии унвонҷӯй шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои гузарондани овоздиҳии пинҳонӣ дар ҳайати 3 нафар аъзоёни шурои диссертатсионӣ: Сатторов А.Э., Ҳасанов Д.Р., Баҳодуров Б. Ф. интихоб гардид. Комиссия овоздиҳии пинҳониро баргузор намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ 13 нафар аъзои шуро иштирок намуданд, ки аз онҳо 6 нафарашон докторони илм - профессорон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравand.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 13 нафар, зид - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-061 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба додани дараҷаи илмии номзади илм барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 6.1.7 – Таърих илм (таърих) **хулосаи мусбати** муқарризон, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** шурои диссертатсиониро ба инобат гирифта, бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии назариявӣ ва амалии таҳқиқот, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия мувофиқи бандҳои 93-94-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295)

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Баромад ва муҳокимаи диссертатсияи **Махсумзода Нигина Давлат** дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 6.1.7 – Таърих илм (таърих) пешниҳод шудааст, баромади муқарризони расмӣ: Қурбонов **Бахром Раҳмонович** - аъзои шуро, профессор, доктори илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 6.1.7 – Таърих илм (таърих) ва **Раҳимзода Қурбоналӣ Назар** - номзади илмҳои таърих, омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии Данғара аз рӯйи ихтисоси 6.1.7 – Таърих илм (таърих), баромади муқарризони ғайрирасмӣ, аъзоёни шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи муҳокимашаванда, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** шуро оид ба диссертатсия ба инобат гирифта шаванд.
2. Автореферат ва маводи илмии нашрнамудаи унвонҷӯй мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.
3. Ба **Махсумзода Нигина Давлат** дараҷаи илмии номзади илми таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.7 – Таърих илм (таърих) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки қарори шурои диссертатсионӣ оид ба **Махсумзода Нигина Давлат** додани дараҷаи илмии номзади илми таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.7 – Таърих илм (таърих)-ро дастгирӣ намуда, барои додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мусоидат намояд.

**Раиси ҷаласа:** кӣ тарафдори чунин қарори шурои диссертатсионист, хоҳишмандам овоз диҳед. Тарафдор - 13 нафар. Зид – нест. Бетараф – нест Якдилона қабул шуд.

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ** **Бобоев Х.Ю.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ** **Холов М.Ш.**

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав Исҳоқзода М.М.
17 июли соли 2026
Ҷ.М.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС